# Ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Кумита дар соли 2021 ва вазифаҳо барои нимсолаи якуми соли 2022

Submitted by Ҳайати тадорукот on 7 January, 2022 - 13:11
[1]

Имрӯз 7-уми январи соли 2022, соати 10:00 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Кумита дар соли 2021 ва вазифаҳо барои нимсолаи якуми соли 2022 бо иштироки Мушовири

калони бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа – Азиззода Ш., аъзои Ҳайати мушовара, раиси Кумита, муовини раис, сардорон, мудирон ва кормандони Кумита баргузор гардид.

Дар оғоз раиси Кумита тибқи тартиб масъалаҳои рӯзномаро муаррифӣ намуда, ҳузури иштирокдоронро ба маҷлиси имрӯза хайра мақдам гуфт.

Доир ба ҷамъбасти фаъолияти Кумита дар соли 2021 ва вазифаҳо барои нимсолаи якуми соли 2022 муовини раиси Кумита – Раҳматуллозода С. гузориш дод. Аз ҷумла, қайд намуд, ки Кумита дар соли 2021 теъдоди 26 ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, 11 вазорату кумитаҳо, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои кишвар ва 26 адад номгӯи мағозаву нуқтаҳои фурӯши либосро мавриди санҷиш қарор дода, аз натиҷаи бартараф намудани камбудиҳо ба мақомотҳои дахлдор санад ва маълумотнома ирсол шуд.

Инчунин, илова намуд, ки Кумита дар соли 2021 ба 80 адад лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулосаи забоншиносӣ, ҳуқуқӣ ва ҳамгунсозии истилоҳот пешниҳод намудааст.
Сипас, Нақшаи кории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2021 аз ҷониби сардори шуъбаи танзими истилоҳот – Зулфониён Р. муаррифӣ карда шуд.
Баъдан, он аз ҷониби Мушовири калони бахши ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои робита бо ҷомеа, узви Ҳайати мушовара ва кормандони Кумита мавриди муҳокима қарор гирифта, аз ҷумла, Мушовири калони бахши ёрдамчии Президент иброз намуд, ки дар баробари муваффақиятҳо камбудиҳо ҳанӯз ҳам дар самти коргузории вазорату кумитаҳо ва мақомотҳои шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати риояи “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ”бештар ба назар мерасанд. Бинобар ин, Кумита вазифадор карда шавад, ки назорати вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти забони давлатиро пурзӯртар намояд.

Пас аз муҳокима маҷлиси Ҳайати мушовара қарор кард, ки ҳисоботи фаъолияти Кумита дар соли 2021 ва вазифаҳо барои нимсолаи якуми соли 2022 қаноатбахш ҳисобида шуда, Нақшаи кории Кумита барои нимсолаи якуми соли 2022 бо қарори Ҳайати мушовара тасдиқ карда шавад.

Ҷаласаи Ҳайати мушовараро раиси Кумита, доктори илми филология – Муҳаммадҷонзода Олимҷон ҷамъбаст намуд.

**Content rating:** 3

Average: 3 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

- 

-

-

- 

**Source URL:**http://www.istilohot.tj/en/node/6809

**Links**
[1] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/1_0.jpeg [2] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/0_0.jpeg [4] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1_3.jpeg [5] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/3_2.jpeg [6] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/5_3.jpeg [7] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/6.jpeg [8] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/7_0.jpeg [9] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/8_1.jpeg